


Photo credit: fergananews.com

# АЗ ТАЪСИСЁБИИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КЎЊИСТОНИ БАДАХШОН 95 СОЛ СИПАРЇ ШУД

**Ш. Афзалшое. Хараѓ**

2 январи 2020

Ин воќеа 2 январи соли 1925 рух дода буд.

То ин санаи муњими таърихи навини Бадахшон воќеоти зиёди њарбиву сиёсї ба амал омада буданд ва агар ба таври кўтоњ њикоят намоем, баъд аз инќилоби Октябри соли 1917 Помир чун њудуди маъмурї ба њайати вилояти Фарѓонаи империяи Россия шомил буд.




Photo credit: asiaplustj.info

Хабари инќилоби Октябри соли 1917-и Россия бошад, ба Помир фаќат баҳори соли 1918 расид. Сардори отряди сарҳадии Россия дар Хоруғ Тимофеев бо бештари ҳайати афсарону сарбозон молу амволи отрядро ба худ гирифта, тариќи сарҳади Афғонистон ба Ҳиндустон мегурезанд.

Ҳамон сол бо иштироки љавонони Хоруғ ва сарҳадбонони инќилобии Россия дар отряди сарҳадии Хоруғ кумитаи инќилобї таъсис дода мешавад. Вале ќисме аз роҳбарияти отряди сарҳадии Хоруғ ҳамоно аз рўи дастурҳои Россияи подшоҳї амал мекард. Амалдорони Бухоро бошанд бо истифода аз ин мавќеъ зулму ғорати мардумро дучанд намуданд.

Ба ин сабаб гурўҳи љавонони Хоруғ тобистони соли 1920 мусаллаҳ гашта, отряди сарҳадии Хоруғро ишғол мекунанд. Амалдорони Бухороро аз ин љо берун мекунанд ва кумитаи нави инќилобї таъсис медиҳанд. Ба вазифаи сардори отряд афсари рус Воловикро, ки дар асорати сарбозони афғон буд, озод намуда, таъин мекунанд.

Ба маќсади мустаҳкам намудани ҳокимияти нав дар Помир барои овардани кумаки ҳарбї ба Комитети Иљроияи Марказии (КИМ) Туркистон, ки баъд аз сарнагун кардани аморати Бухоро таъсис дода шуд, намояндагони худро мефиристанд.

Тирамоҳи соли 1921 бо супориши КИМ-и Туркистон ба Помир сегонаи ҳарбӣ-сиёсиро равон мекунанд. Сегонаи мазкур дар ҳайати Таричан Дяков, Ҳаќќул Ҳусейнбоев ва Шириншоҳ Шоҳтемур аввалин сохтори ҳокимияти маҳаллї – Кумитаи инќилобии райони Помирро таъсис медиҳад.

Моҳи майи соли 1922 бошад, дар асоси дастури КИМ-и Туркистон дар Помир интихоботи Шўроҳои маҳаллӣ гузаронида мешаванд. Аз натиљаи интихобот анљумани якуми Шўроҳои Помир баргузор мегардад. Раиси райони Помир Шириншоҳ Шоҳтемур интихоб мешавад.

(Facebook )

Дар ин миён, хусусиятҳои хоси љуғрофї ва маданиву фарҳангии Помирро ба инобат гирифта, Шириншоҳ Шоҳтемур ба маќсади суръатбахшии иќтисодиву мадании он ба котиботи КИМ-и Туркистон оиди дар Помир таъсис додани ҳудуди алоҳидаи маъмурї пешниҳод манзур менамояд.

Раёсати КИМ-и Туркистон ин пешниҳодро маќул дониста 15 августи соли 1923 райони Помирро ба вилояти Помир табдил медиҳад. Он ҳамчун воҳиди алоҳидаи маъмурї дар итоати бевоситаи Ҳукумати Љумҳурии Туркистон шомил мешавад.

Дар асоси пешниҳоди Шириншоҳ Шоҳтемур Раёсати КИМ-и Туркистон масъалаи «Вазъият дар Помир»-ро муҳокима намуда, дар назди Кумитаи инқилобии Помир котибот, шуъбаи маъмурӣ, умумӣ маорифи халқ, молия, замину об, идораи сиёсии давлатӣ (ГПУ) ташкил дода, 100 воҳиди корӣ ҷудо менамояд.

Соли 1924 комиссияи марказии КИМ-и Иттиҳоди Шуравӣ оид ба муқаррар намудани ҳудуди Тоҷикистон, ҳангоми муҳокимаи масъалаи Помир, дархости қатъии Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба таъсиси вилояти мухтори Помирро ба инобат гирифта, «Дар бораи ба Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ табдил додани Вилояти маъмурии Помир» аз 2 январи соли 1925 қарор ба тасвиб расонид.

Дар роҳи иҷрои ин қарор дар маҳалҳо съездҳои намояндагони халқӣ баргузор гардида, бо иштироки вакилони интихобшуда 12 ноябри соли 1925 дар Хоруғ съезди якуми Советҳои Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ даъват карда мешавад. Съезд дар баробари дигар масъалаҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании вилояти навтаъсис масъалаи ташкилиро дида баромад. 16 ноябрь бо қарори съезд ба ҷои кумитаи револютсионӣ Комитети иҷроияи Советҳои Вилояти Мухтори Бадахшони Куҳӣ таъсис дода шуд.

Пленуми якуми кумитаи иҷроия Сайфулло Абдуллоевро, ки қаблан раиси кумитаи револютсионии вилояти Помир буд, раиси кумитаи иҷроияи Вилояти Мухтори Бадахшони Кӯҳӣ интихоб намуд. (Facebook).



Гурӯҳи иштироккунандагони съезди Советҳои райони Шуғнон (соли 1925).

САХИФАИ

# СЪЕЗДИ ЯКУМИ СОВЕТҲОИ БАДАХШОНИ КӮҲӢ

(Давоми саҳ. 2).

Масалан дар соли хоҷагии 1925—26 ба вилоят 800 табар, 800 кетман, 4700 бел ва дигар асбобҳо—ҷамъ зиёда аз 8 ҳазор дона олоти хоҷагии қишлоқ оварда шуданд. Ин ёрии амалии синфи коргари Мамлакати Советҳо ба деҳқонони Помир буд. Аз соли 1926 сар карда, дар вилоят ҷамъиятҳои кредитии районӣ ба кор сар карданд, ки ба воситаи онҳо деҳқонон бо асбобҳои хоҷагии қишлоқ, пул, тухмии зироатҳои гуногун, барзагови корӣ ва ғайра таъмин карда мешуданд. Ин чорабиниҳо аҳамияти калони сиёсӣ ҳам доштанд, зеро деҳқонони камбағалро аз тобеии судхӯрон ва кулакон озод мекарданд. Обрӯю таъсири Ҳокимияти Советиро ҳар байни оммаи меҳнаткашон боз ҳам баландтару зиёдтар мекард. Махсусан муваффақиятҳои вилоят дар соҳаи сохтмони маданӣ, аз он ҷумла маорифи халқ хеле калон буданд. Агар дар соли 1924 дар Помир ҳамагӣ 5 мактаб ва як интернат кор мекарданд ва дар онҳо 185 нафар талаба мавҷуд мебуд, пас дар соли 1929 шумораи мактабҳо ба 39 ва шумораи талабагон ба 1371 нафар расид. Дар соли 1928 мактаби советӣ-партиявӣ ҳам кушода шуд, ки вай кадрҳои партиявӣ, советӣ, комсомолӣ, муаллимон ва ғайраҳо тайёр мекард. Дар тайёр намудани ин кадрҳо хизмати мудири мактаби советӣ-партиявӣ Абдулалишо Зинатшоев хеле калон буд. Вай барои тарбияи кадрҳо ғайрату меҳнати бисёреро сарф кард. Дар вилоят беморхонаю пунктҳои тиббӣ, ки тобхонаҳои нав ҳам ба кор даромаданд ва ба меҳнаткашон хизмат мекарданд. Инчунин савдои советию кооперативӣ равнақу ривоҷ ёфт. Дар баробари ба даст даровардани аввалин муваффақиятҳо дар соҳаи хоҷагӣ ва маданӣ бисёр чорабиниҳо дида шуданд, ки дар натиҷаи ин чорабиниҳо махсусан аппарати поёнии Советҳо хеле мустаҳкам шуд ва иштироки деҳқонони меҳнаткаш дар идоракунии давлат зиёд гардид. Масалан, дар соли 1928-ум 94,35 фоизи раисону котибони Советҳои қишлоқро деҳқонони камбағалу миёнаҳол ташкил мекарданд. Махсусан иштироки фаъолонаи занони Помирро дар кори Советҳо ҳамчун факти дорои аҳамияти калони сиёсӣ доштагӣ қайд кардан лозим аст. Дар соли 1928 онҳо 13,75 фоизи ҳайати Советҳоро ташкил мекарданд.

Ҳамаи ин натиҷаи ғамхории беназири Партияи Коммунистӣ ва Давлати Советӣ, натиҷаи ёрии доимии бародаронаи халқҳои мамлакати мо, синфи коргари рус буд. Ин факту далелҳо чунин фикри муаллифи мақолаеро, ки моҳи ноябри соли 1965 дар шумораи 101 журнали «Нозерн Нейборс», Отарио, Канада чоп шуда буд, рад мекунанд, ки гӯё «тахминан аз соли 1930 халқҳои районҳои тараққикардаи Иттифоқи Советӣ ёрии доимии худро ба Помир сар карданд».

* * *

Аз вақти съезди якуми Советҳои Бадахшони Кӯҳӣ қариб 44 сол гузашт. Дар ин муддати нисбатан кӯтоҳ меҳнаткашони вилоят дар тахти роҳбарии Партияи Коммунистӣ бо ёрии халқҳои сермиллати советӣ, дар навбати аввал халқи кабири рус аз феодализм ба социализм гузаштанд ва дар сохтмони ҷамъияти коммунистӣ комёбиҳои бузург ба даст даровардаанд. Ҳамаи ин муваффақиятҳои вилоят натиҷаи ба ҳаёт татбиқ шудани васиятҳои Ленини муаллим мебошад. Тантанаи сиёсати миллии ленинии партия дар Тоҷикистон, аз он ҷумла дар Помири Советӣ аҳамияти калони байналхалқӣ дорад. Таҷрибаи сохтмони социализм дар республика ва вилояти мо бори дигар чунин суханони В. И. Ленинро дар амалия пурра тасдиқ намуданд, ки ӯ гуфта буд: «Мамлакатҳои ақибмонда бо ёрии пролетариати мамлакатҳои пешқадам метавонанд давраи капиталистии тараққиётро аз сар нагузаронида, ба сохти советӣ ва баъд аз зинаҳои муайяни тараққиёт — ба коммунизм гузаранд» (Асарҳо, ҷилди 31, саҳ. 249). Таҷрибаи сохтмони социализм ва муваффақиятҳои бузурги меҳнаткашони вилоят дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт намунаи ибрат барои халқҳои мазлуми Шарқи хориҷӣ мебошад. Ин таҷриба бори дигар бартарии сохти социалистиро нисбат ба капиталистӣ нишон медиҳад. Меҳнаткашони Помири Советӣ, ки 50-солагии барпо шудани аввалин органҳои советиро соли гузашта дар кишвари худ тантанавор қайд карданд, аз Партияи Коммунистӣ ва Давлати Советӣ барои ҳамаи ғамхориҳои бузург хеле миннатдоранд. Онҳо бо ҳамроҳии тамоми халқи эҷодкори советӣ саъю кӯшиш доранд, ки санаи фаромӯшнашавандаи таърихӣ — 100-солагии рӯзи таваллуди В. И. Ленинро бо комёбиҳои нав дар инкишофи иқтисодиёт ва маданият пешвоз гиранд.

М. ШЕРҒОЗИЕВ,
номзади илмҳои таърих.



*БА ПЕШВОЗИ 100-СОЛАГИИ РӮЗИ ТАВАЛЛУДИ В. И. ЛЕНИН*

# СЪЕЗДИ ЯКӮМИ СОВЕТҲОИ БАДАХШОНИ КӮҲӢ

Революцияи Кабири Социалистии Октябрь дар таърихи инсоният даврам нав—даврам тантанаи социализм ва коммунизмро кушода, ба аввалин дар ҷаҳон Давлати Советӣ ибтидо гузошт. В. И. Ленин аҳамияти умумиҷаҳонӣ — таърихии ташкил намудани аввалин дар ҷаҳон давлати коргару деҳқон—Давлати Советиро қайд карда, бо ифтихормандии калон гуфта буд:

«...Мо ҳақ дорем фахр кунем ва фахр мекунем, ки он саодате насиби мо шудааст, ки ба бунёд кардани Давлати Советӣ сар кунем, бо ҳамин даврам нави таърихи умумиҷаҳонӣ,

буда ба ташкил додани давлати миллии худ шурӯъ намуданд. В. И. Ленин яке аз аҳамиятҳои байналхалқии Революцияи Октябрьро дар он медид, ки дар натиҷаи ғалабаи он оммаи мазлумони худашон ҳокимият барпо мекунанд. Баъд аз ғалабаи Революцияи Кабири Социалистии Октябрь баробари марказ мамлакат ба дасти Советҳо гузаштани тамоми ҳокимият, дар гӯшаю канорҳои дурдасттарини собиқ Россияи подшоҳӣ, аз он ҷумла дар Помир ҳам зуд Ҳокимияти Советҳо барқарор шуд.

Меҳнаткашони Помир, монанди тамоми меҳнаткашони Туркистон, барпо шу...



Як гурӯҳ вакилони съезди якӯми муассисони Советҳои РАСС Тоҷикистон аз Помир (соли 1926)...



Гурӯҳи иштироккунандагони съезди Советҳои райони Шугнон (соли 1925).